*Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 012*
*назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,*
*(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ)**

Рушди иқтисодиёти инноватсионӣ ва рақамӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҳоло нақш ва аҳамияти хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, истифода бурдани фишангҳои ҳозиразамон ва пешбурди амалиётҳои ҷавобгӯ ба талаботи иштирокчиёни бозор, пешниҳоди механизми танзими давлатӣ, коркарди стратегияи рушди он хело меафзояд. Инчунин дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ яке аз масоили мубрами рушди бозор ба ҳисоб рафта ин масъала таҳияи консепсияи таъмини рушди соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, беҳтарсозии фазои инвеститсионию беҳдошти самаранокии хизматрасониҳоро бо истифодаи захираҳои мавҷуда дар бар мегирад.

Аз вазъияти баамаломада бар меояд, ки на ҳамаи имкониятҳо нисбати хизматраснии маишӣ ба аҳолии шаҳрҳо, ноҳияҳо ва қишлоқҷойҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта захираҳои мавҷуда самаранокона истифода бурда намешаванду технололгияи муосир қариб, ки дур аз диди назар мондааст. Бо назардошти ба ин таҳқиқи масъалаҳои рушди низоми танзими давлатӣ дар рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ саривақтӣ мебошад. Аз таҳқиқотҳои ба анҷом расонида шуда бар меояд, ки мавҷуд будани самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми пешниҳод ва расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилоятҳои он, хусусан вилояти сернуфуз - Хатлон пешбурди таҳқиқоти махсусро дар назар дорад. Аз ҳамин сабаб мубрамияти мавзуи рисолаи Д.М. Шарифова ба маврид мебошад.

Дар шароити муосир таҳқиқи асосҳои назариявию методии рушди соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ ва моҳияти иҷтимоию иқтисодию нақши хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ хело зарур шуморида мешвад ва аз ин рӯ дар рисола аз тарафи муаллиф ин масъалаҳо ҳаматарафа дида баромада шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ба масъалаи таҳқиқи хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ диққати асосӣ додашуда, арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ гузаронида шудааст.

Аз омӯзиши автореферат бар меояд, ки таҳлили ҳолати хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишвар ва вилояти Хатлон дар асоси маълумотҳои аниқ гузаронида шудаасту хулосабарорӣ боисӣ дастгирӣ мебошад.

Дар рисола дар сатҳи назаррас консепсияи минтақавии хизматрасонии маишӣ ва дастгирии давлатию такмили танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ бо нишон додани роҳҳои мухталифи танзими он пешниҳод шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти ба анҷом дода шуда самтҳои асосноки такмили низоми танзими давлатӣ дар соҳаи химатрасонии маишӣ ба аҳолӣ пешниҳод карда шуда, ҳисоби дурнамои он ба аҳолии вилояти Хатлон гузаронида шудааст.

Дар авторефреферат камбудиҳои зерин дида мешаванд:

1. Гарчанде дар сатҳи зарурӣ дар автореферат масоили низоми танзими танзими хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ дида баромада шуда бошад ҳам, вале мавқеи ҳукумати иҷроияи маҳаллӣ ҳангоми амалӣ шудани он пурра баррасӣ нагардидааст.

2. Дар автореферати диссертатсия натиҷаҳои назарсанҷишҳо доир ба хизматрасониҳои маишӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон мавриди пешниҳоди пурра нагардида, истифодаи намудҳои муосири хизмарасонии маишӣ шарҳ дода нашудааст.

Эродҳои гирифташуда ба баҳои воқеии рисола таъсир намерасонанд.

Дар маҷмӯ, таҳқиқоти ба анҷом расонидашуда дар мавзуи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» кори диссертатсионии анҷомёфта буда, дорои навгонии илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ мебошад ва ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифова Дилором Мустафокуловна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 - Иктисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба корҳои
тарбиявии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Норматова Ш.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1.
Тел.: +992 7083990
e-mail: mahasti38@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Норматова Ш.М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпочоев И.Ҳ.